# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2020. – 193 саҳ.**

Ба майдони адабиёт омадани Аминҷон Шукӯҳӣ ва як зумра шоирони ҳамзамон ва ҳамнасли ӯ амсоли Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Муҳиддин Фарҳат ва дигарон воқеан падидаи бисёр нодир ва умедбахши адабӣ буд, ки зуҳури чунин истеъдодҳоро устодон Абулқосим Лоҳутӣ ва Садриддин Айнӣ хуш истиқбол намудаанд. Аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ баъд аз мутолиаи аввалин маҷмӯаи шеърҳои Аминҷон Шукӯҳӣ ("Суруди чашмасор") изҳори хушнудӣ намуда, шоири ҷавонро аз "аберaҳои Камол" шуморида, гуфтааст "Шумо аз аберaҳои Камол мешавед. Медонед, бобоятон чӣ гуна шоири ширинсухан ва ҳассосе буд. Боварии комил аст, Шумо хотири бобоёнатонро шод мегардонед... Ман маҷмӯаи шеърҳои шумо – «Суруди чашмасор»-ро бодиққат хондам. Қайдҳои худро дар ҳошияҳо ва поварақаҳои китобатон навиштам. Шумо бисёр хуб сар кардаед. Китобчаи шуморо хонда хурсанд шудам». Чунин андешаву мулоҳизаи ҷолиби сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Айниро барои шоири ҷавоне чун Шукӯҳӣ ба унвони фотиҳа дар ҷодаи шеъру шоирӣ шуморидан мумкин аст.

Воқеан, Аминҷон Шукӯҳӣ дар таҳаввули назми муосири тоҷикии солҳои 50-70-и тоҷик тавассути навгӯиву навпардозиҳои хеш тавонистааст ба сифати шоири лирик ҷойгоҳи хоссаи худро пайдо намояд. Ин аст, ки эҷодиёти ин адиби хушсалиқа аз тарафи адибон ва мунаққидону адабиётшиносон М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Афсаҳзод, Ш. Ҳусейнзода, Н. Маъсумӣ, Х. Мирзозода, С. Табаров, Ю. Бобоев, Ғ. Мирзо, А. Маниёзов, М. Шакурӣ, Р. Мусулмониён, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, А. Сатторзода, Х. Асозода, Ю. Акбарзода, А. Раҳмонзода, Ҳ. Шодиқулов, Ш. Раҳмонов, А. Набавӣ, А. Ҳакимов, А. Абдуманнон, М. Мирзоюнус, М. Нарзиқул, Н. Шамсов, С. Аҳмадов ва дигарон мавриди омӯзиш, таҳлил ва нақду баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳтавои мақолаву рисолаҳо ва таҳқиқоти донишмандони фавқ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди пажӯҳишу хулосаҳои муҳим ва судманди илмӣ то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти монографии мукаммал ва вижае оид ба рӯзгору осор, ҳунари шоирӣ, анъанаю навпардозӣ, забон ва услуби баён, бадеияти ашъор ва паҳлуҳои дигари

фаъолияти эҷодии Аминҷон Шукӯҳӣ, аз ҷумла насри бадеӣ, осори публитсистию драмавӣ, ашъори тарҷумавӣ, осори бачагонаю ҳаҷвӣ ва афкори адабию танқидии адиб ба миён наомадааст.

Аз ҳамин дидгоҳ диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи «Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)» аз мавзӯъҳои муҳимму нав маҳсуб меёбад.

Диссератсияи мавриди гуфтугӯ аз муқаддима, се бобу фаслҳо ва хулосаву китобнома фароҳам омадааст. Унвонҷӯ дар муқаддимаи рисола оид ба масоили аҳаммият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, сарчашмаҳои таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳо, арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ андешаву мулоҳизаҳо баён намудааст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки “Хусусиятҳои нав касб кардани назми солҳои 50-70-уми асри XX” унвон дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст, масъалаҳои қувват гирифтани лирикаи тасвирӣ дар назми муосири тоҷик, ба вижа шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи XX ва таъйини заминаҳои ташаккулу таҳаввули он аз нигоҳи мавзӯю мундариҷа, шаклу услуби ифода, корбурди воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ, таъсири босамари анъанаҳои куҳан ва тасвиргароиву навпардозиҳо масъалаи хусусиятҳои нав касб кардани шеъри солҳои 50-70-уми садаи XX ва мавқеи хосса пайдо кардани лирикаи тасвирӣ дар адабиёти ин давраро мавриди таҳлил ва пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ қувват гирифтани лирикаи тасвириро дар назми муосири тоҷики солҳои 50-70-ум ба суннатҳои адабиёти гузашта ва анъанаҳои устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва дигарон алоқаманд намуда, ҷиддан ба вуҷуд омадани тағйироту таҳаввулотро дар мазмуну мундариҷа ва сабки шеър ба кӯшишҳои Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ғаффор Мирзо иртибот дода, таъкид мекунад, ки “дар адабиёти солҳои 50-70-уми садаи XX навъи шеърие густариш пайдо кард, ки онро шеъри тасвирӣ номидаанд” (дисс. саҳ. 15).

Дар ҳамин замина муаллифи диссертатсия тасвири манзара ва манзаранигорӣ дар шеъри классикиро ҳамчун воситаи ёрирасон ва дар шеъри муосир ифодаи маънои муҷарраднадошта ва аз худи маводи тасвир беруномада маънидод мекунад. Унвонҷӯ дар асоси чунин мулоҳизаҳои ҷолиб назми солҳои 50-70-уми садаи бистумро, ки намунаи равшани он шеърҳои тасвирӣ ва ё манзаравии Мирзо Турсунзода, Боқӣ

Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат ва дигарон мебошанд, заминаҳои ташаккули шеъри тасвирии даврони Истиқлолият донистааст, ки воқеан андешаи мантиқӣ ва мушоҳидаи ҷолиб мебошад.

Тасвир ва тасвирнигорӣ дар ашъори лирикии солҳои панҷоҳуми А. Шукӯҳӣ нақши муҳим дошта, он ба услуби эҷодии муаллиф табдил ёфтааст ва ашъори шоир бештар "бо тасвири мухтасари ин ё он манзара ва ашёи қаҳрамони лирикиро иҳотакунанда оғоз ёфта, баъдан шоир эҳсосоту туғёни ботинию нишони зоҳирии ӯро ба тасвир мекашад. Дар натиҷа, шоир ба гуфтани ашъоре даст меёбад, ки дар онҳо манзараҳо ва ё аносири олами ашё ҷузъиёти тасвир набуда, ҳамчун унсури меҳварӣ қарор мегиранд". Чунин унсурҳои меҳвариро мо дар шеърҳои «Кӯли кӯҳӣ», «Ба меҳмонии баҳор», «Дарёи Талас», «Рӯзи борон», «Ман номи туро намудаам гум», «Сабр кун, эй гули бодом!», «Боғбонро мепарастам», «Дар кӯчабоғи ишқ», «Як зарра барф», «Баргҳои тиллоӣ» ва ғайра мушоҳида карда метавонем.

Тибқи мушоҳида ва хулосаҳои диссертант маълум мегардад, ки ашъори тасвирӣ дар эҷодиёти шоирони наслҳои баъдӣ – Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон мавқеи муҳим ва асосӣ пайдо карда, ин ҷиҳат яке аз вижагиҳои асосӣ ва фарққунандаи эҷодиёти онҳо гаштааст.

Диссертант дар фасли "Сифатҳои нав касб кардани шеъри тоҷикӣ дар солҳои 50-70-ум" оид ба оғози марҳилаи комилан тоза дар шеъри тоҷикӣ, яъне мазмуни ҳаётӣ ва пурқувват шудани ҷанбаи фалсафии шеър, пурқувват шудани дахолати он ба соҳаҳои мухталифи зиндагии инсон ва олами ботинии ӯ, тағйир ёфтани тарзи баён, сохту таркиб, образҳо ва дараҷаи бадеиву эстетикии шеър андешаҳо баён мекунад. Чунин тозакориҳо ва фаҳмишу тарзи нави биниши маҷрои нави адабиро мо дар ашъору эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноат бармало мушоҳида карда метавонем, ки он каме баъдтар ба Ҳабибулло Файзулло, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Гулрухсор муяссар гардидааст.

Муаллиф дар асоси асноду мисолҳои мушаххас ин маҷрои ҷадидро, ки шеъри тоҷикии солҳои мазкурро ба куллӣ тағйир дода буд, чун «шеъри мушаххас» ва «мушаххаснависӣ» маънидод карда, онҳоро бо ному ашъори шоирони дар фавқ зикршуда иртибот медиҳад ва ба хулосаи муҳимме мерасад, ки "Он ҷунбишу тозаҷӯиҳое, ки дар шеъри муосири тоҷик ва хусусан солҳои 50-70-уми асри XX вусъат ёфтааст, бешак аз доираи мафҳуми шеъри нав ва ё шеъри озод, ки бештар ба

махсусияти шаклии шеър ишорат мекунанд, вусъатноктар аст. Аз ҷиҳати дигар, шеърҳое, ки аз назари шакл то андозае анъанавӣ ҳастанду аз диди шоирона ва бофти суратҳо нав мебошанд, дар бисёре аз шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат ва дигарон ба мушоҳида мерасанд" (дисс. саҳ. 34).

Боби дуюми диссертатсия "Аминҷон Шукӯҳӣ ва мақоми ӯ дар назми солҳои 50-70-уми садаи XX" номгузорӣ шуда, аз се фасл ва ду зерфасл – "Зиндагинома ва мероси адабии Аминҷон Шукӯҳӣ" (зерфаслҳои "Зиндагинома" ва "Мероси адабӣ"), "Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ", "Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навпардозӣ дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ" фароҳам омадааст. Унвонҷӯ ҳангоми баррасии масъалаҳои мавриди таҳқиқ, пеш аз ҳама, аз гуфтаву навиштаҳои худи адиб, маълумоти энсиклопедия ва китобҳои "Адибони Тоҷикистон" (нашрҳои гуногун) солу моҳи таваллуд, айёми таҳсил, фаъолияти рӯзноманигорӣ, кор дар мактабу фаъолияти минбаъдаи адибро мушаххасан нишон дода, баъзе ғалату норашаниҳоро дар мавриди зиндагиномаи А. Шукӯҳӣ тасҳеҳ намудааст. Дар баробари ин, унвонҷӯ дар зерфасли дуюми ҳамин фасл дар асоси ҳуҷҷатҳои расмӣ, навиштаҳои муҳаққиқону ихлосмандони ашъори шоир дар рӯзномаву маҷаллаҳо, китобҳои дастаҷамъиву дигар сарчашмаҳо мероси адабии А. Шукӯҳиро аз аввалин шеъри ӯ, ки бо номи «Ба Октябри аъзам» 7-уми ноябри соли 1942 дар рӯзномаи вилоятии «Стахановчӣ» интишор ёфтааст, то охирин осори ӯ мушаххасан шарҳу маънидод кардааст. Ҳамчунин дар зерфасли мазкур оид ба тарҷумаи асарҳо ва шеърҳои шоир ба забони русӣ ва дигар забонҳо, тарҷумаҳои адиб аз забони русӣ ва ба воситаи забони русӣ муфассал маълумот додааст, ки аз истиқлоли андеша, ҷӯяндагӣ, бохабар будан аз методу усулҳои таҳқиқ ва таснифнигории унвонҷӯ башорат медиҳанд.

Доир ба мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ дар адабиётшиносии тоҷик мулоҳиза ва андешаҳо баён ёфта бошанд ҳам, дар диссертатсияи мавриди назар ба таври мушаххас ва бо низоми муайян мавзӯъҳои ашъори шоир ба таври дақиқ таҳлилу таҳқиқ гардидаанд. Мавзӯи ашъори шоир хеле васеъ ва гуногунранг буда, ба тасвири паҳлуҳои гуногуни зиндагӣ, розу ниёзу армонҳои инсонӣ, асрори табиат, худшиносию худогоҳии миллӣ, ҳифзи арзишҳои адабию фарҳангиву таърихии халқи тоҷик ва ғайра бахшида шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар асоси мисолҳои мушаххас тараннуми мавзӯи Ватан ва ватандорӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, пос доштани хотири

фидоиёну қаҳрамонон, дӯстии халқҳо, модар, панду ҳикмат ва ахлоқ, васфи табиат, ишқ ва амсоли инҳоро дар шеъру таронаҳои шоир таҳлилу баррасӣ намуда, инъикоси онҳоро дар муқоиса бо ашъори М. Турсунзодаву Ғаффор Мирзо, М. Қаноату Лоиқ ва дигарон ба таҳқиқ гирифтааст, ки чунин усули пажӯҳиш арзиши илмии рисоларо боло бурдаанд.

Дар марҳилаҳои аввали эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ шеърҳои анъанавӣ, умумӣ ва шиоргуна ҷой дошта бошад ҳам, вале бо андӯхтани таҷриба, пайдо кардани малакаю маҳорати кофӣ мавзӯъҳои мушаххас ва тасвири олами рӯҳию маънавӣ ва эстетикии ашъори шоир комилтар гардида, дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои эҷодӣ аз оғози солҳои 50-ум марҳилаи навпардозӣ ва навоварӣ дар ашъори ӯ мушоҳида мешавад, зеро "Аминҷон Шукӯҳӣ аз зумраи он адибонест, ки осори адабии онҳо аз хазинаи боғановати адабиёти классикии тоҷику форс, адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти классикию давраи нави халқҳои собиқ иттиҳод ғизо гирифта, дар эҷодиёти ӯ ҳам жанрҳои суннатӣ, аз ҷумла рубоиву дубайтӣ, мусаммат ва навҳои он, ғазалу достон ва ҳам шаклҳои аз меъёри анвои суннатӣ озод корбаст шудаанд" (дисс. саҳ. 98).

Андешаву мушоҳидаҳои диссертант дар масъалаи меросбарӣ аз адабиёти классикиву муосир, дар масоили сурудҳои инқилобиву ватандӯстона боиси таъкиди махсус аст, зеро дар ашъори А. Шукӯҳӣ "ин навъи сурудҳо дар такя ба ашъори устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода шакл гирифта, аз ҷиҳати мавзӯъ ва теъдод вусъат ёфта, пару боли нав ва сифати тоза пайдо карда, ба таҳаввулот дучор шудааст".

Навпардозӣ, навоварӣ ва муваффақиятҳои Аминҷон Шукӯҳӣ дар эҷоди ашъори иҷтимоию ватандӯстона, дар тарзи тасвир, услуб ва ҳаллу фасли мавзӯъ ва пеш аз ҳама дар лирикаи ишқӣ бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Воқеан, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва навпардозӣ дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ "дар шакли руҷӯъ ба адабиёти қаблӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами ниёгону мусоир ва назми классикии рус ва дар мавзӯю жанру анвои суннатии тасвир ифода ёфтани матлаб зуҳур карда, навпардозиҳои шоир дар мавзӯю мундариҷаи ашъор, шаклу қолаби ифода, системаи образҳои шеъриву қаҳрамони лирикӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, забону услуби ифода ва таносуби қавии ахлоқу ишқ ва дарки инъикоси дигаргунаи воқеият ба назар мерасанд" (дисс. саҳ.109).

Диссератант дар боби сеюми диссертатсия хусусиятҳои услубӣ ва бадеии ашъори Аминҷон Шукӯҳиро мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба вижагиҳои услубии лирикаи Аминҷон Шукӯҳӣ ва амиқрафти тасвири бадеӣ ва корбурди санъатҳои адабӣ дар ашъори ӯ андешаву мулоҳизаҳои

муфид баён мекунад. Аз рӯи пажӯҳишҳои муаллиф маълум мегардад, ки дар таҳқиқи услуби эҷодӣ ва ҳамчунин фардии Аминҷон Шукӯҳӣ сабкҳо ва анвои адабӣ ва ҳамчунин воситаҳои тасвири бадеии адабиёти классикӣ нақши муҳим гузоштаанд. Хонанда ҳангоми хониши ашъори Шукӯҳӣ ба вожаву таркибҳои муғлақу мубҳам, печидаю душвор ва гӯшхарош дучор намегардад, ки чунин сабку услуби фасеҳ ва гӯшнавоз аз табиати шеъри шоирони хуросонӣ бармеояд. Унвонҷӯ бо овардани мисолҳои мушаххас қайд мекунад, ки нишонаҳо ва таъсири сабки хуросонӣ дар ашъори Шукӯҳӣ воқеан побарҷост. Зеро "шоир бо маҷозу ташбеҳу тавсифу, тазоду муқобала барин санъатҳои бадеӣ суханро зинат дода, дар айни замон забону тарзи баёни матлабро ба ақлу дил ва ҳиссу завқи хонанда мувофиқ ва созгор" месозад.

Дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ истифодаи фаровон ва ҳунармандона аз калимаю ибораҳо, зарбулмасалу мақол, таъбирҳои одии гуфтугӯӣ, байтҳои халқӣ мушоҳида мешавад, ки онҳо ба шеъри ӯ нуру сафои тоза бахшидаанд. Унвонҷӯ ба ҳамин паҳлуи ашъори шоир баҳои холисона дода, навиштааст, ки "Шоир аз ҳикмату таҷрибаи халқ ҳунармандона истифода карда, дар баробари он ба ҳаёт бо чашми таammuқ нигариста, мушоҳидаҳои хешро бо байту мисраъҳое ифода намудааст, ки аз як ҷониб, мазмуни зарбулмасалу мақолҳои халқиро қувват ва инкишоф бидиҳанд, аз ҷониби дигар, ба онҳо ҳамоҳангие пайдо кардаанд" (дисс.саҳ.124).

Забони ашъори А. Шукӯҳӣ воқеан содаю оммафаҳм буда, зуд дарк ва ҳифз мешавад ва дар баробари ин дар роҳи муъҷазу зебо сухан гуфтан ва бо ин роҳ ба эҷодиёти шифоҳии халқ наздик намудани услуби ифодаи шоир натиҷаҳои ибратбахш додааст. Ин аст, ки дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ калимаю таркиб, мисраъу байтҳои носуфта, образҳои номукаммал, риоя нашудани таносуби сухану меъёрҳои забонӣ хеле кам ба назар мерасад.

Дар фасли сеюми боби сеюм муаллиф масъалаҳои амиқрафти тасвири бадеӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ, ки аз масъалаҳои муҳимми поэтика маҳсуб ёфта, дар ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ фаровон истифода шудаанд, мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар диссертатсия санъатҳои бадеии маҷоз, ташбеҳ, истиора, тавсиф, сифатчинӣ, талмеҳ, тазмин, ташхис, муболиға, киноя, ирсоли масал, тафсир, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, руҷӯи лирикӣ, такрор, таҷнис, тазод ва муқобала бо овардани мисолҳо аз ашъори шоир таҳлил ва нақши онҳо дар шеъри ӯ таъйин шудаанд. Маълум мегардад, ки Аминҷон Шукӯҳӣ ҳамчун шоири ҷӯяндаву навпардоз аз мероси илмиву адабии ниёгон ва муосирони худ

баҳра бардошта, сухани шоирона ва андешаҳои бикри ӯ бо воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ ороиш ёфтаанд.

Муаллиф дар бахши хулосаи диссертатсия муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқро дар 17 банд пешниҳод намудааст, ки ба таври кулли нуктаҳои дорои аҳаммияти илмиву назариявии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Маводи диссертатсия ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ барои факултетҳои филологӣ, ҳангоми хондани лексия, инчунин курсу семинарҳои махсус метавонад истифода шавад.

Дар маҷмуъ диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшудаи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович бо равиши таҳқиқ ва ҳалли илмии вазифаҳои пешгузошта фарқ намуда, муҳаққиқи пухтакор будани муаллифро нишон медиҳад.

Бо вуҷуди ин муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки бартараф кардани онҳо арзиши илмии ин кори таҳқиқиро боз бештар менамояд.

1. Фаслҳои боби якум агар ба шакли "Лирикаи тасвирӣ дар назми муосири тоҷик" ва "Вежагиҳои шеъри тоҷикӣ дар солҳои 50-70" номгузорӣ мегардид, беҳтар буд.
2. Хуб мешуд, ки дар боби аввали диссертатсия аз силсилаи мақолаҳои мубоҳисавии "Шеър ва зиндагӣ" (чопи Садои Шарқ) истифода ва аз онҳо натиҷагирӣ сурат мегирифт.
3. Дар диссертатсия оид ба насри бадеии Аминҷон Шукӯҳӣ боб ва ё фасли алоҳида ихтисос меёфт, сатҳи илмии он баландтар мегардид.
4. Дар адабиёти шумораи 119 ҳам номи китоб ва ҳам номи мутарҷимон хато сабт шудааст: Иржи Бечка. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон. Аз Рӯдакӣ то Бедил ва аз Бедил то имрӯз. Мутарҷимон: Маҳмуди Ибодиён, Саъид Абомамади Ҳиҷрондӯст. –Теҳрон: Алҳудо, 1372. -280саҳ. Номи китоб: Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон. Аз Рӯдакӣ то Бедил ва аз Бедил то асри ҳозир. Мутарҷимон: Маҳмуди Ибодиён, Саъид Абонажоди Ҳиҷрондӯст.
5. Дар диссертатсия ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва баъзан услубӣ ба назар мерасанд, киислоҳу тасҳеҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри чопии он зарур аст.

Камбудиҳои мавҷуда, албатта, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия латмае ворид накарда, баръакс, ислоҳи онҳо боиси беҳбудии кори илмӣ-таҳқиқии минбаъдаи диссертант мегарданд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои номнависшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос карда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертатсияи Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович дар мавзӯи “Таҳаввули назми муосири тоҷикӣ дар солҳои 50-70-уми асри XX (Дар мисоли осори Аминҷон Шукӯҳӣ)» дар сатҳи хуби илмӣ таълиф шуда, муаллифи он сазовори даёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
ходими пешбари илмии
шуъбаи таърихи адабиёти
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Ш.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Тел: (+992) 93-511-23-87;
E-mail: Shamsiddin-2010@mail.ru

Имзои Ш.М. Муҳаммадиевро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба
номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Тел: +992 (37) 221-70-30; 227-29-07.
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru

07.12.2020 с.